# РӮЗИ ҒАЛАБА МУБОРАК, ҲАМДИЁРОНИ АЗИЗ!

*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №56 (2883) | ЧОРШАНБЕ, 9 МАЙИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад


## Кӯмак ба иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ

Дуюми майи соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон доир ба пардохти кӯмакпулии яквақта ба иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 амр имзо намуд.

Тибқи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи кишвар вазифадор аст, ки ба иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 кӯмаки яквақтаи пулӣ ҷудо намояд.

Раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо низ аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон вазифадор шудаанд, ки ба иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 кӯмакҳои моддию маънавӣ расонанд.

*www.prezident.tj*

## Барқияи табрикии Сарвари давлат

**Рӯзи ҳафтуми майи соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон унвонии Франсуа Жерар Жорж Олланд ба муносибати пирӯзиаш дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Франсия табрикнома ирсол намуд, ки дар он чунин омадааст:**

«Ҷаноби Олӣ! Дар иртибот ба пирӯзиатон дар маъракаи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Франсия сарфарозам ба Шумо табрикоти самимона ва таманниёти неки хешро бифиристам. Ҷониби Тоҷикистон маҷмӯи ҳамкориҳои босамари дуҷонибаро бо кишвари дӯсти Франсия самти муҳими сиёсати хориҷии худ медонад. Боиси қаноатмандист, ки бар асари саъю кӯшишҳои муштараки доимӣ имрӯз байни кишварҳои мо дар арсаҳои гуногуни мавриди таваҷҷуҳи тарафайн ҳамёрии созанда ба роҳ монда шудааст ва онҳо рӯ ба густариши бемайлон ниҳодаанд. Мо ба ояндаи неки муносибатҳои гуногунҷанбаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Франсия бовар дорем ва умедворем, ки дар давраи сарварии Шумо равобити ҳасана ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди байни кишварҳоямон ба марҳилаи ҷадиди тавсеаи худ ворид хоҳанд шуд. Бо изҳори омодагии хеш ҷиҳати саъю талошҳои муштарак дар ин самт ба Ҷаноби Олӣ сиҳатии комилу пирӯзиҳои навин ва ба мардуми дӯсти Франсия хушбахтиву шукуфоии рӯзафзун таманно дорам».

*www.prezident.tj*



## Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**8 майи соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯро қабул шуд. Сипас, раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон М. Ҷабборова, оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният А. Азимов масъалаҳои нахустини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо», «Дар бораи лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» ва «Дар хусуси Созишнома дар бораи ташкили фаъолияти навбатдории нерӯҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба мудофиаи зиддиҳавоӣ ҳангоми гирифтани иттилоот дар бораи ғасби (рабудани) ҳавопаймо» - ро тавзеҳ доданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои номбурда қарорҳо қабул карда, масъалаҳои мазкурро ба баррасии ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҷорум пешниҳод намуд.

Масъалаҳои зерини рӯзнома – «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2012», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсол ва муносибати эҳтиёткорона бо пеститсидҳо ва агрокимиёҳо», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси расмиёти маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар барои Созишномаи грантӣ (амалиёти махсус) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Осиёии Рушд оид ба лоиҳаи «Барқарорсозии дастгоҳи тақсимкунандаи кушодаи 500 кВ дар Нерӯгоҳи барқи обии Норак», «Дар хусуси Созишнома оид ба нигаҳдории тахассуси корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки дар истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ дар чорчӯбаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ иштирок менамоянд», «Дар хусуси Созишнома дар бораи тартиби ташкил ва фаъолияти қувва ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ», «Дар хусуси Созишнома оид ба ҳамкории давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ дар соҳаи коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, таъмир, навсозӣ, дароз намудани мӯҳлатҳои истифодабарӣ ва нобудсозии маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ», «Дар хусуси Созишнома оид ба принсипҳои умумии ташкили иттиҳодияҳои илмии истеҳсолии байнидавлатӣ дар Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ оид ба истеҳсоли маҳсулоти таъиноти ҳарбӣ», «Дар хусуси Созишнома дар бораи мақоми ташаккули қувваю воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ», «Дар хусуси Протокол оид ба таъмини мувофиқатии техникӣ ва иттилоотии аслиҳа ва техникаи ҳарбии қувваҳо ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъии Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ», «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Оинномаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002», «Дар хусуси Протоколи сеюм оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома оид ба принсипҳои асосии ҳамкориҳои ҳарбии техникии байни давлатҳои аъзои Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 15 майи соли 1992», «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Созишнома оид ба шартҳои имтиёзноки таҳвили техникаи махсус ва воситаҳои махсус барои таҷҳизонидани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хадамотҳои махсуси давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 6 октябри соли 2007» ва «Дар хусуси Протокол оид ба ворид намудани тағйирот ба Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ аз 15 майи соли 1992» - ро мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Охунов ба муҳокимаи аъзои Шӯро пешниҳод намуд.

Доир ба масъалаҳои номбурда қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, ин масъалаҳо барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои рӯзнома - «Оид ба пас гардонидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва «Дар хусуси пас гардонидани лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардиданд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров дар фароварди ҷаласаи навбатии Шӯро таваҷҷуҳи масъулону мутасаддиёнро ба баррасии саривақтии лоиҳаҳои қонунҳо ва қарорҳои мавҷуда, ҷамъбасти натиҷаи вохӯриҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихобкунандагон ҷалб намуд.

Ҳамзамон дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар масъалаҳои марбути фаъолият мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум». Суратгир А.ИСОЕВ***

## Ҳайати Парлумони Аврупо дар Тоҷикистон

**Аз 3 то 6 майи соли ҷорӣ ҳайати Парлумони Аврупо таҳти роҳбарии Паоло Бартолоззи дар шаҳри Душанбе қарор дошт.**

Ҳайати Парлумони Аврупо дар доираи боздиди худ аз Тоҷикистон бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев , Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров, роҳбари намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сафир Эдуард Ауэр, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамроххон Зарифӣ, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Хазинаи Байналмилалии Асъор, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дидору вохӯриҳо анҷом доданд.

Дар ҷараёни ин мулоқотҳо масъалаҳои гуногун, аз қабили вазъи сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ, раванди демократикунонии ҷомеа, тақвияти ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо, мубориза алайҳи ҳама гуна фишору зӯроварӣ, таъмини озодии сухан ва дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо баррасӣ шуданд.

Дар доираи ин сафар рӯзи 4 – уми май дар Бӯстонсарои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи дуюми Шӯрои ҳамкории парлумонии Тоҷикистон – Иттиҳоди Аврупо баргузор гардид. Ҷаласаи мазкур таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ҳайати парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Парлумони Аврупо Амиршо Миралиев ҷараён гирифт, ки дар он ҳайати Парлумони Аврупо, намояндагону масъулони вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доштанд.

Амиршо Миралиев ҳайати Парлумони Аврупоро барои ташриф оварданашон ба пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон хайра мақдам гуфта, изҳор дошт, ки Шӯрои ҳамкории парлумонии Тоҷикистон – Иттиҳоди Аврупо ба тақвияти муносиботи Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо мусоидат менамояд.

Муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Иттиҳоди Аврупоро муҳимтарин шарики байналмилалӣ барои Тоҷикистон унвон карда, таъкид дошт, ки нақши Иттиҳоди мазкур дар имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, таҳкими раванди демократикунонии ҷомеа, ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои муҳимтарини ҷумҳурии мо, аз ҷумла иқтисод, бахши иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист бениҳоят арзанда мебошад. Вазифаи асосии парлумонҳои мо ташкил намудани заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати тавсеаи робитаҳои дуҷониба ба шумор меравад.

Раиси ҳайати Парлумони Аврупо ҷаноби Паоло Бартолоззи ҳам баргузории ҷаласаи дуюми Шӯрои ҳамкории парлумонии Тоҷикистон – Иттиҳоди Аврупо дар шаҳри Душанберо қадами бисёр муҳим дар саҳифаҳои таърихи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо маънидод карда, аз рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакати мо изҳори қаноатмандӣ намуд.

Мавсуф иброз дошт, ки Иттиҳоди Аврупо Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз шарикони боэътимод ва муҳими худ дар Осиёи Марказӣ дониста, омода аст, дар ҳамаи заминаҳо аз мавқеи он пуштибонӣ намояд.

- Мо шоҳиди пешрафтҳои иқтисодӣ ва баланд гардидани сатҳи зиндагии мардуми Тоҷикистон тайи солҳои охир ҳастем ва умедворем, ки ин раванд дар оянда низ беҳтару хубтар ҷараён хоҳад гирифт,- гуфт ҷаноби Паоло Бартолоззи.

Сипас, рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин тасдиқ гардид:

1. Тасдиқ намудани қоидаҳои расмиётии Кумитаи ҳамкории парлумонии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Иттиҳоди Аврупо

2. Арзёбии Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо:

- робитаҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва тиҷоратии Тоҷикистон-Иттиҳоди Аврупо;

-ҳамкории Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо оид ба масъалаҳои мубориза бо терроризм, ҷинояткории муташаккилона, расмикунонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда ва муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор дар Осиёи Марказӣ;

-ҳамкории Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо оид ба масъалаҳои муҳити зист ва тандурустӣ.

3. Рӯйдодҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо: равандҳои демократикунонӣ ва рушди конститутсионӣ, аз ҷумла плюрализми сиёсӣ, нақши қонунгузорӣ, озодии матбуот

4. Мубодилаи афкор оид ба вазъи сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ ва ҳамкории минтақавӣ

5. Таърих ва ҷойи баргузории ҷаласаи навбатии Шӯрои ҳамкории парлумонии Тоҷикистон-Иттиҳоди Аврупо.

Аз рӯйи масъалаҳои рӯзнома аъзои Шӯрои ҳамкории парлумонии Тоҷикистон – Иттиҳоди Аврупо аз ҳар ду ҷониб - Лутфулло Саидмуродов, Амирқул Азимов, Марҳабо Ҷабборова, Олим Салимзода,Шодӣ Шабдолов, Галия Рабиева, Никол Киил-Ниелсен, Алфред Рубикс, Герберт Дорфман, Катарина Неведалова, Инес Аяла Сендер, Марк Тарабелла, Кармен Ромеро Лопес ва Николо Риналди суханронӣ намуда, андешаҳояшонро оид ба тақвияти ҳамкориҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумони Аврупо, мубориза бар зидди хатарҳои инсонӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир, пешгирӣ аз афзоиши падидаҳои номатлуб, қочоқи инсон, таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, туризм, кишоварзӣ, афзоиши ҳаҷми тиҷорат, аз ҷумла боло бурдани мизони содироту воридот, густариши муносибот дар бахшҳои обу энергетика, фароҳам овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ дар кишвари Тоҷикистон ва кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо, рушди демократия, озодии сухан, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, мавзӯъҳои марбут ба илму маориф, техникаву технология ва дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн иброз доштанд.








Баъд роҷеъ ба мавзӯъҳои гуногун, аз ҷумла вазъи минтақа ва ҷаҳон баҳсу музокираҳои судманд сурат гирифт.

Дар хотимаи ҷаласаи дуюми Шӯрои ҳамкории парлумонии Тоҷикистон – Иттиҳоди Аврупо Эъломияи муштарак қабул гардид.

Дар он аз ҷумла омадааст:

- муҳим будани рушди муносибатҳои байни Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъкид мекунад. Зикр менамояд, ки ин муносибатҳо ӯҳдадориҳои самараноки эҳтироми мутақобилаи демократия ва ҳуқуқҳои инсонро дар бар мегиранд;

- ба манфиатҳои умумии ҳар ду тараф дар масъалаи мусоидат ба устувории минтақа, аз қабили муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризм, экстремизми динӣ ва коррупсия таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд;

- вазъият дар Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан масъалаи иқтисодиёти глобалӣ ва бӯҳрони молиявиро муҳокима менамояд. Муҳим будани ҳамгироии минбаъда ба иқтисодиёти ҷаҳониро зикр мекунад. Ҷидду ҷаҳди Тоҷикистонро ҷиҳати шомил шудан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дастгирӣ мекунад ва пешравии дар ин самт бадастовардаро мепазирад. Ба беҳтар шудани муносибатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии байни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон даъват мекунад. Зарурати беҳтар намудани фазои корӣ ва инвеститсиониро дар Тоҷикистон, ҳамчунин зарурати ҷустуҷӯйи ҳалли муҳими бӯҳрони глобалии иқтисодиро таъкид менамояд;

- талошҳои ҷониби Тоҷикистонро ҷиҳати дастёбӣ ба ҳадафҳои стратегӣ – истиқлолияти энергетикӣ, баровардани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ ҷонибдорӣ менамояд. Ҷидду ҷаҳди Тоҷикистонро дар гузаронидани ислоҳоти давлатӣ, дастгирии ҳамкории этникӣ, муҳим будани дастгирии техникӣ ва кӯмаки молиявии Иттиҳоди Аврупо барои ба даст овардани ин мақсадҳо, зикр менамояд, махсусан дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ, шароити зист ва кор, маориф ва таълим, фарҳанг, бисёрзабонӣ, адолати судӣ, баробарии занону мардон, ӯҳдадории воқеӣ дар назди ҷавонон, ҳамчунин ҳифзи муҳити зист;

- нақши Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказиро ҳамчун асос барои ҳамкории боз ҳам зичи дуҷониба ва бисёрҷониба таъкид мекунад. Ёдрас мешавад, ки ҳамкории зич миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ воситаи самарабахш барои пешгирии низоъ, рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва оромии минтақа буда метавонад;

- вобаста ба ин, ба ҳамаи тарафҳои ҳавасманд муроҷиат менамояд, ки ҳалли мушкилоти марбут ба идораи захираҳои об, амният ва мушкилоти энергетикӣ дар минтақаро пайдо кунанд, ки дар он тамоми манфиатҳо ва таъмини оромӣ дар минтақа ба назар гирифта шаванд. Нақши мақомоти парламентиро дар мусоидат ҷиҳати амалигардонии ин мақсадҳо зикр мекунад;

- қарор мекунад, ки вохӯрии навбатии худро соли 2013 дар Иттиҳоди Аврупо ташкил ва баргузор намояд.

Дар охир Амиршо Миралиев ва Паоло Бартолоззи барои доираи васеи хабарнигорони воситаҳои ахбори оммаи дохилӣ ва хориҷии кишвар нишасти матбуотӣ баргузор карданд. Дар нишасти мазкур хабарнигорон ба саволҳои сершумори худ посухҳои мушаххас гирифтанд.

Ҳайати Парлумони Аврупо дар доираи ин сафари худ ба Тоҷикистон дар баробари анҷом додани мулоқоту вохӯриҳо бо роҳбарияти олии мамлакат, ҳамчунин бо намояндагони қишрҳои гуногуни ҷумҳурӣ сӯҳбат карда, аз Нерӯгоҳи барқи обии «Норак» боздид ба амал овард. Ҳамчунин онҳо бо лоиҳаҳои «Паноҳгоҳ барои духтарони осебпазир» дар ноҳияи Ҳисор ва «Сиёсати ҷавонон зидди тундгароӣ» аз наздик шинос шуданд.

Бо ҳамин сафари ҳайати Парлумони Аврупо ба Тоҷикистон анҷом пазируфт.

***Хадамоти матбуотии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Суратгир А. ИСОЕВ***



# *Номи неки Ғолибон дар тоқ монд,*
# *Он Зафар дар сафҳаи офоқ монд.*

# Мо ҷон ба фано додем, то зинда шумо бошед!

Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати шаҳри Истаравшан дар маркази шаҳр, дар бинои идораи суғурта ҷойгир шудааст, ки онро хеле хуб ҷиҳозонидаанд. Девораву гӯшаҳои зиёд баёнгари кору пайкори собиқадорони ҷангу меҳнат буда, албоми алоҳида аз шахсият, ҳарбу зарб, рӯзгори собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ қисса мекунад. Ба истиқболи 67-солагии Ғалаба ва 25-солагии созмони собиқадорони ҷангу меҳнати вилояти Суғд китоби махсуси фахрие кушодаанд ва бо қарори раёсати Шӯро нахустин шуда, ба ин китоб дорандаи ҳар се дараҷаи ордени «Шараф» Абдуназар Фармонқулов, собиқадори ҷанг Ибодулло Абдуллоев, собиқадорони ақибгоҳ, омӯзгори шинохтаи 91-сола Набиҷон Қодиров ва Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Сабоҳат Ҷамолова шомил гардидаанд.



Тайи чанд сол аст, ки раёсатро собиқадори корҳои ҳизбию давлатӣ Абдуваҳҳоб Қаюмов сарварӣ мекунад. Ҳамаи нӯҳ нафар аъзои раёсат нақшаи мушаххаси корӣ доранд. Онҳо дар ҷамъомадҳои худ масъалаҳои мубрам, аз қабили ҳифзи иҷтимоии собиқадорон, нигаҳдории тандурустии онҳо, ташкили табобату истироҳаташон, таҷлили ҷашнвораҳои собиқадорон, аёдати беморон ва ғайраро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

-Имрӯз ба ҳайати мо 58 нафар иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 548 нафар собиқадорони ақибгоҳ, шаш оилаи саро бонашон дар ҷангҳо халокгардида шомил мебошанд, - мегӯяд раиси Шӯро Абдуваҳҳоб Қаюмов. Ҳар моҳ ба аёдати 20-25 нафар рафта, ба онҳо як миқдор маводи хӯрока, дар арафаи ҷашнҳо табрикномаҳо месупорем. Бо ин мақсад аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ҳар моҳ маблағи муайян ҷудо карда мешавад. Ғайр аз ин, дар ин кори хайр, яъне дастгирии собиқадорон, моро соҳибкорон, корхонаю ташкилотҳо ва ашхоси саховатманд дастгирӣ мекунанд. Ҳар сол бо пешниҳоди Шӯро оид ба таҷлили ҷашни онҳо қарорҳои махсуси раиси шаҳр қабул карда мешаванд.

-Масалан, дар соли 2012 мо нияти ҷашнгирии рӯзи зодрӯзи 15 нафар аъзоямонро дорем,-мегӯяд А.Қаюмов. То ин вақт мо дар арафаи Иди модарон, Рӯзи Артиши миллӣ, Иди Наврӯз, ҷашни 100-солагии се нафар собиқадорони ақибгоҳи Ҷанги Бузурги Ватанӣ - Сабоҳат Мирзоева, Мунаввара Бозорова ва Холҷон Қаробоеваро қайд карда, ба ҳар яки онҳо тӯҳфаҳо супоридем.

Дар соли 2011 аз аъзои Шӯро барои табобату истироҳат се нафар ба осоишгоҳи «Зумрад», даҳ нафар ба «Ҳавотоғ», 20 нафар ба осоишгоҳи «Ӯротеппа» ва якчанд нафар ба марказҳои солимгардонии вилояти Суғд ва шаҳри Истаравшан фиристода шуданд. Дар яке аз ҷойҳои хушбоду ҳаво ва зебоманзари шаҳри Истаравшан аз соли 2007 инҷониб Маркази солимгардонии «Ветеран» ташкил шуда, дар он ҳама шароити зарурӣ фароҳам омадааст.

-Хушбахтона, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан Президенти кишварамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, барои дастгирии ин табақаи аҳолӣ чораю тадбири зарурӣ андешида, ҳамеша дастгирию пуштибонӣ ёфтанашонро аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъкид менамоянд. Ба қавли Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои ғамхорӣ нисбати ин табақаи аҳолӣ ҳар қадар бештар чораю тадбирҳо андешида шаванд ҳам, кам аст. Барои он ки онҳо ҷон ба гарав монда, дар ҳифзи Ватан сина сипар кардаанд, дар солҳои вазнини ҷанг бо корномаҳои қаҳрамонона дар ақибгоҳ меҳнат карда, Рӯзи Ғалабаро таъмин намудаанд. Ғайр аз ин, шумораи онҳо на танҳо сол ба сол, балки моҳ ба моҳу рӯз ба рӯз кам шуда истодааст. Бинобар ин, дар ин ҷода роҳбарияти шаҳр собиқадоронро хеле хуб дастгирӣ мекунад, ҳар сол барояшон ангишт, ҳезум, сабзавот ва дигар чизҳои зарурӣ ҷудо менамояд.

-Аз шаҳри Истаравшан чанд нафар дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ иштирок кардаанд? - мепурсам ман.

-Аз 25 ҳазор нафар фиристодагони шаҳри Истаравшан тавассути комиссариатҳои ҳарбӣ зиёда аз 12 ҳазорашон ба хона барнагаштанд,- мегӯяд А.Қаюмов ва ба тавсифи корномаҳои ҳамшаҳриёнаш мепардозад:

-Барои истеҳкоми Днепр ҳамшаҳрии мо Ӯрунбек Ёқубов соҳиби унвони баланди Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ гардидааст. Ҷавонмарди дигари истаравшанӣ Набӣ Акрамов дар муҳорибаҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон низ соҳиби чунин унвони баланд шудааст. Яке аз ҷанговарони Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Истаравшан Муҳаммадӣ Иброҳимов бо қаҳрамониҳои худ ҳанӯз 31 августи соли 1941 яке аз нахустин дорандагони ордени «Ленин» гардидааст.

Аз Истаравшани бостонӣ се нафар ҷанговарон - Абдуназар Фармонқулов, Раҳим Раҳмонов ва Александр Куришев ҳар се дараҷаи ордени «Шараф»-ро соҳиб гардида, 15 нафар ба гирифтани дараҷаҳои 2 ва 3-юми ҳамин орден ва зиёда аз 100 нафар истаравшаниҳо ба гирифтани дараҷаи сеюми ордени «Шараф» шарафёб гардидаанд.

Абдуназар Фармонқулов, ки чанде қабл 90 -солагиашро қайд кардем, дар озод намудани пойтахти Полша -шаҳри Варшава дар ҳайати ҷанговарони Фронти якуми Белорусия соҳиби ордени рақами 10 дараҷаи аввали «Шараф» гаштааст.

Қаҳрамони Одеру Днестр, пулемётчии машҳур Мирзо Бобоҷонов соҳиби ду дараҷаи ордени «Шараф» ва ду ордени «Байрақи Сурхи ҷангӣ» ва ғайра шудааст.

Бино ба гуфтаи Абдуваҳҳоб Қаюмов, се тан ҷанговарони истаравшанӣ -Бобоҷон Ҳакимов, Толиб Додобоев ва Александр Селезнёв дар Паради иди Ғалаба (24 июни соли 1945), дар Майдони Сурхи Москва ширкат варзидаанд.

Ҷавонмарди дигари истаравшанӣ Ориф Сафаров низ аз ҳамин қабил буда, соҳиби ду ордени «Ситораи Сурх» гардидааст. Нахустин офитсери тоҷик, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ордени «Александр Невский» мукофотонида шудааст, Муҳиддин Додоҷонов ном дошта, истаравшанӣ мебошад. Дарвоқеъ, солҳои ҷанг бар зидди фашистон чор тан ҷанговари тоҷики истаравшанӣ соҳиби ордени «Ленин» гаштаанд. Инҳо Исмоил Иброҳимов, Раҳмон Маҳмудов, Ғиёс Шарофов ва Муҳиддин Додоҷонов мебошанд.

Имрӯз мо бо ифтихор номҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Истаравшан, дорандагони ду дараҷаи ордени «Шараф»-нависандаи ҷангноманавис Ҳазратқул Файзиев, Акрам Мирраҷабов, Тӯйчибой Кӯзиев, академик Аҳрор Мухторов, Имомназар Худойназаров, Халил Исоев ва даҳҳо дигаронро ба забон меорем,- мегӯяд А.Қаюмов.

-Биёед, акнун корномаҳои ақибгоҳро ба хотир орем,- ҷилави сӯҳбатро ба дигар сӯй мекашам ман.

- Дар ин бобат ҳам метавон соатҳо ҳарф зад,- посух мегардонад А.Қаюмов. - Масалан, артели «Меҳнати Сурх»- и Истаравшан танҳо дар панҷ моҳи соли 1941 барои ҷанговарони фронт 218 нимпӯстин, 129 камзӯли мӯйин, 222 кулоҳи гӯшакдор, 125 белча ва ғайра фиристодааст. Тибқи қарори артели «Меҳнати Сурх» 6-уми апрели соли 1943 барои бунёди колоннаи танкии ОСО АВИАХИМ се ҳазор рубл интиқол гардидааст.

Мо хуб медонем, ки тирамоҳи соли 1942 тамоми таваҷҷуҳи мардуми Шӯравӣ ба муҳофизати Сталинград равона шуда буд. Моҳи октябри ҳамон сол ба кӯмаки муҳофизони Сталинград як эшелон иборат аз 15 вагон аз кишвари мо тӯҳфаҳо ба сарбозони шӯравӣ фиристода шудааст, ки аз он 10 вагонаш ба вилояти ҳамонвақтаи Ленинобод (ҳоло Суғд) тааллуқ дошт. Дар ҳайати вакилони ҷумҳурӣ, ки ин эшелонро ҳамроҳӣ мекарданд, раиси колхози болшевики Истаравшан Раҳим Бойкӯзиев низ ҳузур дошт. Коргарони алоҳида ба чунин кӯмакҳо ба хотири дастгирии фронт аз ҷониби худ саҳмгузорӣ мекарданд. Масалан, коргари МТС Федоркини истаравшанӣ барои бачаҳои гуруснаи Сталинград чор тонна гандум ва ҳазор рубл кӯмак равон кардааст. Чунин корномаҳо ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешаванд. Дар замони шӯравӣ шиори хубе буд: «Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш намешавад», ки дуруст аст. Аз ин рӯ, мо бояд дар ҳаққи зафармандони зиндамондаи имрӯза ҳама гуна ғамхориву дастгириро дареғ надорем. Қаҳрамонони рафтаро бо дуо ва зикри хайр ёд намоем. Зеро онҳо буданд, ки барои ҳамагон зиндагии тинҷу осудаву серу пури имрӯзаро таъмин намудаанд. Шоири истаравшанӣ Мирзо Олим аз номи қаҳрамонони шаҳид бисёр хуб фармудааст:

*Мо ҷон ба фано додем, то*
*зинда Шумо бошед,*
*Дар хоки мазори мо доим*
*ба дуо бошед.*
*Чун шамъи ҳаёти мо қурбони*
*Шумо гардид,*
*Равшангари шамъи мо шояд, ки*
*Шумо бошед.*

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***

**Ҷоруми май дар осоишгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнат, воқеъ дар деҳаи Харангони ноҳияи Варзоб, Пленуми II ҷашнии Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар пленум муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Руқия Қурбонова, вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадамин Маҳмадаминов ва раиси ноҳияи Варзоб Акбар Ятимов иштирок доштанд.**

# ҒАМХОРӢ ДАР ҲАҚҚИ СОБИҚАДОРОНИ ҶАНГ

Бисту панҷ сол пеш Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнат таъсис ёфт. Биноан, пленуми II-ро пленуми ҷашнӣ ном бурданд. Басо рамзӣ буд, ки ҷамъомади ветеранҳо дар арафаи 9 май – Рӯзи Ғалаба доир гардид.

Вакилони пленумро дар даромадгоҳи осоишгоҳи Харангон муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Руқия Қурбонова, вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадамин Маҳмадаминов, раиси ноҳияи Варзоб Акбар Ятимов ва дигарон истиқбол гирифта, дар як гӯшаи осоишгоҳ барояшон «ошхонаи саҳроӣ»-ро муҳайё намуданд. Сурудҳои он айём машҳури ҷангӣ «Катюша» ва «Рӯзи Ғалаба» дар назди «ошхонаи саҳроӣ» хеле гуворо ва форам садо дод. Собиқадорони ҷанг лаҳзаҳои гузаштаро ба хотир оварда, ашки шодӣ рехтанд.

Раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмат Қудратов ба кори Пленуми ҷашнӣ ҳусни оғоз бахшида, аз фаъолияти Шӯрои ветеранҳои ҷангу меҳнат гузориши муфассал дод.

Сипас, раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон Мирзо Бекматов, раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати вилояти Суғд Мӯҳсин Раҳимов, ходими давлатӣ, нависанда Холмурод Шарифов ва дигарон баромад намуда, бахри боз ҳам беҳтар кардани кори Шӯрои собиқадорон фикру андешаҳои ҷолиб баён намуданд.

Намояндагони Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи марказии ташкилоти мададгори мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ карда, собиқадоронро бо Рӯзи Ғалаба табрик гуфтанд.

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Руқия Қурбонова аз саҳми собиқадорон дар тарбияи ватандӯстӣ ва меҳнатпарастии насли наврас сухан гуфта, ба онҳо арзи сипос намуд.

-Дар арафаи Рӯзи Ғалаба бо супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар кадоме аз 1715 нафар иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба маблағи 600 сомонигӣ кӯмак расонида мешавад. Собиқадорони азиз ҳамеша таҳти таваҷҷуҳу ғамхории Сардори давлат қарор доранд, - иброз дошт Руқия Атоевна. Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадамин Маҳмадаминов собиқадоронро табрик намуд ва барои дафтари кори Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон як телевизори калон тақдим кард.

Собиқадорон аз ғамхориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле хушнуд гашта, изҳор доштанд, ки дар амалӣ гаштани нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корҳои фаҳмондадиҳӣ дар маҳалҳо саҳм хоҳанд гузошт.

***Тиллои НЕКҚАДАМ, «Садои мардум»***

# *Вохӯрӣ бо хонандагони мактаб*

Ҳар сол чун рӯзи 9 май наздик мешавад, пеши назар симои инсонҳои шариф ҷилвагар мегардад, ки сари синаи онҳоро ордену медалҳои ҷангӣ оро додаанд.

Ин ордену медалҳо гувоҳи дар ҳифзи Ватан ҷонбозиҳо кардани онҳост. Агар аз онҳо дар хусуси корнамоиҳояшон пурсем, бо як фурӯтанӣ, кӯтоҳ ҷавоб мегӯянд: Ватан дар хатар буд. Мо онро муҳофизат кардем, қарзи фарзандиро ба ҷо овардем.



Дар арафаи иди Ғалаба собиқадорон ба пириашон нигоҳ накарда, хеле сертараддуд мешаванд. Онҳоро зуд-зуд барои вохӯрӣ бо мактаббачагон даъват менамоянд, ки ба наврасон оид ба ҳаёти ибратомӯзи ҷангӣ ва меҳнатии худ сухан гӯянд. Мактаббачагон аз ин вохӯриҳо дарси мардонагию ҷасорат омӯхта, меҳрашон ба Ватан дучанд меафзояд. Ҳисси ватандӯстӣ дар қалбашон безор мешавад. Чунин вохӯрии шавқовару ибратомӯзи собиқадорони ҷангу меҳнат Алӣ Раҷаб, Манон Раҳмонов, Сафол Мирзоев, Аброр Боронов бо хонандагони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №36 ноҳияи Рашт баргузор шуд.

Собиқадорон аз ҳаёти давраи ҷанг ва ғалабаи Артиши Шӯравӣ бар Германияи фашистӣ ёддоштҳои ҷолибашонро ба хотир оварда, нақлҳои аҷиб карданд. Дар охир директори мактаб Маҳмадюнус Раҷабов аз номи коллективи омӯзгорону мактаббачагон ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ сипосгузорӣ намуда, ба онҳо тӯҳфаҳои хотиравӣ супурд.

**ДАР СУРАТ: гурӯҳи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ.**

***М.РИЗВОНОВ***

# ҶАСОРАТИ БЕНАЗИРИ ИНСОНИЯТ

Ғалабаи халқи Шӯравӣ бар фашизм дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 яке аз воқеаҳои бузурги таърихи инсоният буда, ҷасорати беназири инсониятро бар зидди истисморгарону ғосибон ифода менамояд.

- Як ҳазору чорсаду ҳаждаҳ рӯзу шаби муҳорибаҳои хунини ин ҷанг фаромӯшнашавандаанд, - иброз медорад муовини раиси Шӯрои собиқадорони ҷанг ва меҳнати вилояти Суғд Шавкат Алиев.

- Дар солҳои ҷанг бештар аз 260 ҳазор нафар фиристодагони Тоҷикистон, аз ҷумла аз вилояти Суғд 69 ҳазор нафар барои дифои Ватан ва шарафу номуси мардуми худ ба фронт рафта, шуҷоат ва корнамоиҳои бузург нишон доданд. Беш аз 45 ҳазор нафар тоҷикистониён барои кор ба заводҳои ҳарбӣ ва ақибгоҳ фиристода шуданд.

Дар муҳорибаҳои хунин бештар аз 92 ҳазор фиристодагони Тоҷикистон, аз ҷумла 27800 нафар аз вилояти Суғд дар майдонҳои набард қаҳрамонона ҳалок шудаанд. Барои мардонагӣ, ҷасорат дар мубориза бар муқобили фашизм бештар аз 55 ҳазор фиристодагони Тоҷикистон бо ордену медалҳои ҷангӣ мукофотонида шуданд. Ба 54 нафари онҳо унвони олӣ - Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ (аз ҷумла аз вилояти Суғд ба 14 нафар) дода шуда, 17 нафар ҷанговарон аз Тоҷикистон бо се дараҷаи ордени «Шараф» (аз ҷумла аз вилояти Суғд 10 нафар), мукофотонида шуданд.

Тӯли солҳои ҷанг дар ақибгоҳ одамони касбу кори гуногун, бо вуҷуди душвориҳои зиёд, ба хотири таъмини артиш бо хӯрок, либос ва маводи дигар заҳмати шабонарӯзӣ кашиданд. Бештар аз 102 ҳазор нафари онҳо бо медали «Барои меҳнати шоён дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шуданд.

-Имрӯзҳо дар байни мо онҳое зиндагӣ мекунанд, ки дар ақибгоҳи солҳои ҷанг қаҳрамонона заҳмат кашида, барои ба даст овардани Ғалабаи бузург саҳм гузоштанд.

Бархе аз иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ҷанг баргашта, дар арсаи меҳнат ҷоннисорӣ ва вафодорӣ нисбати халқу Ватан зоҳир намуда, сазовори обрӯю эътибори зиёд ва мукофотҳои давлатӣ гардиданд ва аз миёни онҳо 20 нафарашон сазовори унвони олии Ватан - Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ шуданд.

Собиқадорони ҷанг бо зафару сари баланд ва рӯйи сурх ба Ватан баргашта, минбаъд дар барқарорсозию ободии шаҳру деҳот хизмати арзанда карда, дар бунёди ҷомеаи навини кишвар фаъолона ширкат варзиданд.

Фаъолияти назарраси ҷангию меҳнатии иштирокчиёни ин ҷанги хунумонсӯз намунаи олии ибрат ва мактаби бузурги тарбия барои наслҳои ҷавон мебошад. Шуҷоати ҷангӣ ва заҳматписандии онон рамзи муҳаббат ба Ватан ва ғурури ватандориву хештаншиносӣ мебошад.

Ба иборан Президенти кишвар Эмомали Раҳмон: «Таҷрибаи Шумо, собиқадорони мӯҳтарам, зиндагиву фаъолияти Шумо барои мардум ва хусусан барои наслҳои ҷавони кишвар дар сохтмони як ҷомеаи мутамаддин ва пешрафта сабақи нодир аст».

Имрӯз ҳам собиқадорони ҷангу меҳнат аз мушкилоту муаммоҳои ҷомеа, зиндагии мардум худро канор нагирифта, бо таҷрибаву маслиҳати хеш дар ҳалли масъалаҳои зиндагӣ ва дар пешрафти ҷомеа саҳми арзанда мегузоранд.

-Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ҷиҳати ғамхорӣ дар ҳаққи собиқадорони ҷангу меҳнат тадбирҳои зарурӣ амалӣ мегардад,-изҳори қаноатмандӣ менамояд Шавкат Алиев. Алҳол дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аёдати ин қаҳрамонони Ватан ва мулоқотҳо бо онҳо баргузор гардида, бо мақсади дар сатҳи баланд доир намудани таҷлили 67 – солагии Рӯзи Ғалаба чорабиниҳо доир мегарданд.

***Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»***

**Ғаффор МИРЗО**



## ДАР ҶАНГ БУДАМ...

*Дар ҷанг будам, аз таги сад тир гузаштам,*
*Аз оташи сарди дами шамшер гузаштам,*
*Аз зери яхи рӯд сарозер гузаштам.*

*Буд тарс аз ин фоҷиаи наҳси ҷаҳонӣ?*
*Буд тарс, вале мисли ҳаминрӯзаи он не.*

*Чун бори нахуст аз қабати абр паридам,*
*Ман сонияе пову сари хеш надидам,*
*Аз ҳалқаи ҷонбахши парашют накашидам.*

*Буд тарс дар ин сонияи марги аёнӣ?*
*Буд тарс, вале мисли ҳаминрӯзаи он не.*

*Дар дашти пур аз мина арақшор хазидам,*
*Аз марг ба як марг дусад бор хазидам,*
*Ҷон дар сари як мӯи мададгор хазидам.*

*Буд тарс дар ин дӯзахи хомӯши ниҳонӣ?*
*Буд тарс, вале мисли ҳаминрӯзаи он не.*

# Ҷанговаре аз ошёни баланд

Ҳар гоҳе ки мӯйсафедони сари сина пур аз ордену медалро мебинам, мисраъҳои дилпазир аз достони устод Мӯъмин Қаноат «Падар» ба ёд меоянд:

***Шумо, эй марду занҳои***
***камарбаста,***
***Ба ҳам пайванд бинмудед роҳи***
***зиндагониро.***
***Раҳо кардед аз мурдан ҷавониро,***
***Шуморо ёд бодо, ёд бодо, ёд!***

Аз қабили бештар аз яксаду шаст нафар ҷавонони ванҷӣ, ки дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ сина сипар карда, аз подомони лозурҳои азими Федченко ва Хирсону Абдулқаҳҳори дурдаст ба набардҳои хунини солҳои 1941-1945 рафтаанд, алҳол дар рӯзгорони мо танҳо чор тан дар қайди ҳаёт мондаанд. Инҳо ҷанговарони кӯҳансол ва асобадаст Ҷангӣ Беков, Пирумшо Орифов, Ниёз Мухторов ва Акобир Назаров мебошанд, ки умри ҳар яке аз онҳо аз ҳаштод кайҳо гузаштааст, аммо дилҷавону тарбиятгари наслҳои имрӯза мебошанд. Ҳар кадоме аз онҳо ҷароҳате дар бадан, дар дил доранд. Сад шукр, ки ин сарбозони пир ва талхию ширинихои зиндагониро дида ва чашида ба ғамхориҳои рӯзафзуни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,



Ҳукумати кишвар ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ноҳияи Ванҷ фаро гирифта шудаанду дар айёми пирӣ шикояте надоранд.

Яке аз чунин размандагони кӯҳансол Ниёз Мухторов мебошад. Ӯ беш аз ҳаштоду панҷ сол боз дар қишлоқи баландкӯҳи Узбаи деҳоти «Водхуд» зиндагонӣ мекунад. Аз ин русто дида, дар деҳоти «Водхуд» баландтар деҳкадаи дигаре нест. Болотар ва дуртари бағали қишлоқ танҳо қуллаҳои кӯҳҳои Каведа ҷойгиранд.

Солҳо боз ин ҷанговари кӯҳансол ҳар саҳарии солеҳон аз ин баландиҳои нахчиргузари кӯҳистон ба чорсӯйи дарёоби Панҷ назар мекунад. Деҳкадаҳои Дашт, Лугад, Баравну Бунига чун кафи дасти кушоди ӯ хуб намоёнанд. Ин рустоҳо дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон обод ва зебо гаштаанд. Ҳамаи ин ободкориҳо ва бунёдкориҳо сарбози кӯҳансол, собиқадори Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ниёз Мухтороврo шоду хуррам мегардонад. Амаки Ниёз ободкориҳо ва амалҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дида, шукргузорӣ мекунад ва аз он ифтихор дорад, ки умри вай ва дигар ҳамяроқонаш зоеъ нарафтааст. Онҳо рӯзу шабҳои тӯлониро дар хандақ ва заминканҳои кишварҳои Федератсияи Россия, Украина, Белорус ва соири мамлакатҳои Аврупо маҳз ба хотири ин рӯзгори навин сипарӣ кардаанд.

Амаки Ниёз ҳанӯз ҳаждаҳ сол надошт, ки ҷанги хонумонсӯз сар шуд. Аз ҳамин деҳкадаи дури ошёни уқобон ӯро ба аскарӣ даъват карданд. Ҳамраҳи даҳҳо нафар ҷавонони дигари ванҷӣ ба фронт рафт. Бештар аз шаш моҳ дар шаҳри бостонии Самарқанд машқи ҷангӣ ва сарбозӣ омӯхт. Моҳи октябри соли 1941 ба майдони муҳориба дохил шуд. Дар озод кардани шаҳри Сталинград аз урдуи фашистон хизмати аскариро оғоз кардааст. Дар ҳайати фронти якуми Украина, ки сарлашкари номдор Георгий Константинович Жуков фармондеҳӣ мекард, дар чандин муҳорибаҳои ҳалкунанда иштирок намудааст. Хеле хуб дар ёд дорад, ки командири ротааш Василий Фёдорович Иванов тимсоли ҷасорат, мардонагӣ ва қаҳрамонӣ буд. Амаки Ниёз дар озод намудани шаҳри Шуяи вилояти Ивановои Ҷумҳурии Украина сахт ярадор мегардад.

Худи ӯ нақл мекунад, ки понздаҳ шабонарӯз боз дар хандақҳо ва истеҳкомҳои пур аз об сарбозон ва афсарон ба ҳуҷуми навбатӣ омодагӣ медиданд. Дар рӯзи понздаҳуми омодагиҳо тайёраи разведкавии фашистҳо аз болои сарашон парвоз мекунад, лекин онҳо парвое намекунанд. Баъди соате фавҷи зиёди самолётҳои қиркунанда ва бомбаандози фашистон пайдо шуда, истеҳкомҳо ва заминканҳоро тайи ду соат бомбаборон менамоянд. Дар ин набарди нобаробар аз ҳазор нафар сарбозу афсар ҳамагӣ андаке аз панҷсад нафар зиёдтар ҷон ба саломат мебаранд. Ҷанговари қаторӣ Ниёз Мухторов дар ин муҳориба сахт ҷароҳат бардошта, дар госпитали шаҳри Ижевск табобат мегирад. Ҳамон вақти ҳуҷуми тайёраҳои фашистон дар баробари ҷароҳатҳои баданаш, инчунин чашмонаш низ осеб дида буданд. Аз ин лиҳоз, духтурон барои давом додани хизмат дар сафҳои артиш ба ӯ иҷозат намедиҳанд ва Ниёз Мухторов ба ақибгоҳ фиристонида мешавад. Ӯ соли 1944 ба зодгоҳаш - ноҳияи Ванҷ бармегардад. Дар тӯли се соли дар фронт буданаш падару модараш аз дунё даргузашта буданд. Кошонаи хоксоронаи волидайн рӯ ба вайронӣ оварда буд ва қарзи аввалини фарзандии Ниёз он буд, ки ошёни қиблагоҳро обод намояд. Хоҳари калониаш Рухсора ӯро хонадор кард. Ҳамин тариқ, Ниёз Мухторов тамоми умр дар кошонаи авлодӣ умр ба сар бурд. Сенздаҳ нафар фарзандро бо ҳамроҳии ҳамсараш Лаълхуним тарбият карда, ба воя расониданд.

Ниёз Мухторов солҳои тӯлонӣ дар соҳаи алоқа кор кардааст. Ҳоло дар дами пирӣ ҷароҳатҳои ҷанг ва дарди чашмҳо азобаш медиҳанд, вале тоқат мекунад. Мувофиқи дастуру супоришҳои Сардори давлат дар ҳаққи ӯ ва кулли ҷанговарони кӯҳансол ғамхорӣ зоҳир карда мешавад. Амаки Ниёз ҳамраҳи дигар сарбозони кӯҳансол дар тарбияи ҳарбӣ-ватанпарастии ҷавонон ҳиссагузорӣ мекунад ва дар дили онҳо меҳру муҳаббатро нисбат ба Ватан, ҳимояи марзу буми он пайваста бедор менамояд.

***Сироншоҳи ДИЛОВАР***

● Номбардорони миллат

# ПАЗИРОИИ ҶАҲОНПАҲЛАВОН ДАР БОМИ ҶАҲОН

***Дар бораи дӯстӣ ва қадршиносии устоду шогирд - паҳлавонони номдори тоҷик Азалшоҳ Олимов ва Саидмӯъмин Раҳимов нақлу қиссаҳо хеле зиёданд. Имрӯз, ки ҳамсафон, дӯстон ва шогирдони эшон дар қайди ҳаётанд, навиштану китобат кардани хотироти онҳо вазифаи ҳар як қаламкаш ба ҳисоб меравад.***

***Чанде пеш яке аз паҳлавонони шинохта, Устоди варзиши ИҶШС, Қаҳрамони ҳаждаҳкаратаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гӯштии миллӣ ва тарзи озод Сангалӣ Наврӯзбеков дар пойтахт буд ва хотироти хешро дар бораи ин ду паҳлавони машҳур нақл кард.***



-Бо шарофати устодам Азалшоҳ Олимов ҳангоми машқҳо бо ҷавоне вохӯрдам, ки бо як дилгармӣ ҳамроҳи мо машқ мекард.

- Ин шогирди беҳтарини ман -Саидмӯъмин, - гуфт Азалшоҳ. Ҳамин тавр, шиносоии мо бо Саидмӯъмин оғоз ёфт ва то рӯзҳои вопасини ҳайташ идома дошт.

Саидмӯъмин Раҳимов аввал ҳамроҳи мо гӯштии тарзи озодро машқ мекард. Баъдтар ба гӯштии тарзи самбо гузашт.

Ёд дорам, вақти танаффус наздам омада:

-Акаи Сангалӣ, чӣ тавр шумо бо паҳлавони машҳури ҷаҳон, панҷ карат чемпиони ҷаҳон Алӣ Алиев қувваозмоӣ кардед? Илтимос, нақл кунед!

Чун ба қиссаи ҳарбу зарбам бо Алии бузург (Алӣ Алиевро дар ватанаш -Догистон Алии бузург меноманд) оғоз мекардам, Саидмӯъмин гӯшу ҳуш шуда, гоҳе нимхезу гоҳе ба зону нишаста, он лаҳзаҳоро тасаввур мекард. Пас дастамро фишурда гуфт: - Шумо варзишгари хушбахт ҳастед, зеро бо ин паҳлавони машҳур зӯри боз санҷидаед. Афсӯс, чанд хол нарасид, вагарна пирӯз шуда, унвони қаҳрамони ҷаҳонро сазовор мешудед.

- Азбаски дилу нияти Саидмӯъмин нек буд, ба касе бахилӣ надошт, оқибат сазовори номи баланд – Қаҳрамони ҷаҳон дар гӯштини самбо гардид.

Ин хушхабарро 9 сентябри соли 1975 аз шаҳри Мински Ҷумҳурии Белорус шунидем. Азалшоҳ ба шаҳри Хоруғ, ба Пусик –Назармаҳмад Мералишоев занг зада гуфт:

- Пусик, ҳамаи корҳоятро монда, шогирдонатро гиру ба Душанбе биё. Саидмӯъминро пешвоз мегирем.

Дар қатори дигарон ман ҳам ба шаҳри Душанбе омада, дар фурудгоҳ Қаҳрамони ҷаҳон Саидмӯъмин Раҳиморо пешвоз гирифтем. Дар баробари паҳлавонони Бадахшон, инчунин дӯстону шогирдонаш Алӣ Хонов, Қурбон Бозоров, Аҳтам Раҷабов, бародаронаш Сайраҳмон ва Шамсиддин, Рустам Ашӯров, Ашӯр Амиралиев, Сайраҳмон Ғиёсов, Ҷалол Саидов, Авғон Саидов, Раҳмон Валиев, Тоҷиддин Мадатов ва дигарҳо дар ин тантанаи хоксорона иштирок доштем, - ба хотир овард ҳамсӯҳбатам.

- Ҳамон сол 50-солагии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ботантана ҷашн гирифта шуд. Дар тантанаҳо, ки 10-11 октябри соли 1975 дар маҷлисгоҳи Хонаи маорифи сиёсии вилоят (ҳоло бинои Донишгоҳи давлатии Хоруғ) ва мусобиқаи паҳлавонон дар варзишгоҳи шаҳри Хоруғ доир гардид, Устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ, Қаҳрамони ҷаҳон Саидмӯъмин Раҳимов меҳмони ифтихорӣ буд. Ба ростӣ, он солҳо Азалшоҳ Олимов ва Назармаҳмад Мералишоевро роҳбарони вилоят хеле иззату ҳурмат мекарданд. Талабу дархосташон ҳамеша иҷро мешуд. Вақте ки кумитаи ташкилӣ рӯйхатро тартиб дод, дар паҳлӯи номи Азалшоҳ номи Саидмӯъминро низ навиштанд. Ин, албатта, хизмати Азалшоҳ ва Пусик буд.

Набояд фаромӯш кард, ки котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти вилоят Хушқадам Давлатқадамов низ ин пешниҳодро хеле хуб қабул кард ва хушҳолона изҳор дошт:

- Қаҳрамони ҷаҳон бояд дар тантанаҳо, дар Боми ҷаҳон бошад.

Ҳамин тавр, Саидмӯъмин Раҳимов дар ҷашнгирии 50-солагии ВМКБ иштирок кард ва рӯҳи паҳлавононро, ки аз тамоми манотиқи ҷумҳурӣ дар шаҳри Хоруғ қувваозмоӣ доштанд, болида гардонид.

Азбаски вай бори нахуст ба Помир сафар карда буд, тамоми роҳбарону сокинони оддии вилоят иззату эҳтиромашро ба ҷой оварданд. Ҳар кас мехост ӯро ба хонааш бурда, меҳмондорӣ кунад, аммо фурсат танг буд.

Вақте ки Пусик Саидмӯъминро ба хонааш -ба деҳаи Сучони ноҳияи Шуғнон даъват намуд, тамоми сокинони деҳаҳои гирду атроф хонаашро иҳота карданд. Ҳар кас мехост қаҳрамони ҷаҳонро аз наздик бубинад.

Он солҳо тӯҳфаи аз ҳама қимат қолин ба ҳисоб мерафт. Аввал пашм ё пӯст супорида, пас метавонистӣ бо талон қолин, шоли гулдор ё матоъи куртазеб дастрас намоӣ. Назармаҳмад Мералишоев инструктори кумитаи физкултура ва спорти вилоят, тренери командаи яккачини гӯштингирони Бадахшон буд, хеле кӯшиш кард то бо супориши обком аз анбори вилоятӣ як қолини зебое гирифта, ба меҳмони мӯътабар тақдим намояд.

Бегоҳ дар хонаи Пусик меҳмонҳо то бевақтии шаб сӯҳбату зарофатгӯйӣ карда, нагузоштанд, ки меҳмон зиқ шавад. Саидмӯъмин гӯш кардани сурудҳои халқӣ ва қадимаи бадахшониро дӯст медошт. Аз ин сабаб якчанд ҳофизи машҳур низ дар он маҳфил ҳузур дошт.

Аз қаҳрамони ҷаҳон шудани Саидмӯъмин Раҳимов беш аз ҳама Азалшоҳ Олимов хурсанд буд ва тез-тез сухан гирифта, ба саломатии қаҳрамони ҷаҳон нӯшбод мегуфт. Ин шодмонияшро дар сӯҳбат бо рӯзноманигор Нарзулло Латифов («Маориф ва маданият», 9 октябри соли 1975) низ изҳор дошт: «Ман хеле хурсандам, ки ҷавонон анъанаи собиқадоронро давом дода, соҳаи варзиши тоҷикро шӯҳратманд мегардонанд. Алалхусус маро комёбиҳои барҷастаи Қаҳрамони ҷаҳон Саидмӯъмин Раҳимов ба ваҷд меорад. Ман ҳам орзу мекардам, ки ба ин унвон ноил гардам, аммо, мутаассифона, он солҳо оид ба самбо чемпионати ҷаҳон гузаронда намешуд. Бо вуҷуди он, мефахрам, ки фарзанди халқи тоҷик Саидмӯъмин паҳлавони зӯртарини дунё гардид. Вақте ки ман ин хушхабарро шунидам, аз хурсандӣ дар куртаам намеғунҷидам. Гӯиё худи ман қаҳрамони ҷаҳон шуда бошам».

Устоди варзиши дараҷаи байналмилалӣ, ду карат Қаҳрамони ИҶШС, Қаҳрамони Спартакиадаи VI тобистонаи халқҳои ИҶШС, Қаҳрамони ҷаҳон оид ба гӯштии самбо Саидмӯъмин Раҳимов бори дуввум дар мусобиқаи ҷумҳуриявии гӯштии миллӣ барои «Кубоки ба номи Мирзо Ризо» соли 1976 низ ба шаҳри Хоруғ сафар кард ва ҳар дафъа чун меҳмони ифтихорӣ ҳузур дошт. Ба майдон набаромад, танҳо қувваозмоии паҳлавононро бошавқ наззора мекард. Ҳамеша дар паҳлуи Азалшоҳ Олимов буд.

Ба ростӣ, ӯ ҳамаи моро ҳурмат мекард ва ҳар вақте ки ба шаҳри Душанбе биёем, ҳатман моро пазироӣ менамуд. Ӯ Азалшоҳ Олимовро чун устод ва чун бародари калонӣ беш аз ҳама дӯст медошт ва ҳурмату эҳтиром мекард. Ҳатто дар рӯзҳои вопасини ҳаёташ Саидмӯъмин Раҳимов, Саймаҳмуд Маҳмадрасулов ва Сулаймон Абдулвоҳидов дар бараш буданд ва дилбардориаш менамуданд.

Вақте ки Азалшоҳ Олимов 19 марти соли 1999 вафот кард, ҳар се шогирди вафодораш ба ҷанозаи устод, ба ноҳияи Қумсангир рафтанд. Маҳз Саидмӯъмину Саймаҳмуд Азалшоҳ Олимовро ба хок, ба лаҳад гузошта, сахт навҳа кашида, дар сӯги устодашон бо андӯҳ гиристанд. Чунин ҳолатро кам дучор шудаем, ки устодро мисли фарзанд нигоҳубин карда, қарзи охирини инсониро ба ҷо оранд.

Саидмӯъмин то охири ҳаёташ нози устод Азалшоҳро ба ҷо меовард. -Имрӯз ин ду марди бузург, ду шахсияти шинохтаи ҷумҳурӣ бо мо нестанд, вале номи нек ва корнамоиҳои варзишиашон намегузоранд, ки эшонро фаромӯш созем, - гуфт дар хотима Сангалӣ Наврӯзбеков.

***Тиллои НЕКҚАДАМ,***
***«Садои мардум»***

**ДАР СУРАТ: Азалшоҳ Олимов (аз чап), Сангалӣ Наврӯзбеков ва Саидмӯъмин Раҳимов баъди тантанаҳои идона дар шаҳри Хоруғ барои хотира расм гирифтаанд (11 октябри соли 1975).**




## Таркиш дар Қумсангир

**ҚУМСАНГИР. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Шаби панҷуми майи соли равон дар ҶДММ «Салиса», воқеъ дар деҳаи «Оқолтин»- и ноҳияи Қумсангир таркиш ба амал омад. Мувофиқи маълумоти пешакӣ сабаби ин ҳодиса риоя накардани техникаи бехатарӣ мебошад. Ҳангоми таркиши зарфи 20 -тоннагии нафт сӯхтор ба амал омада, талафоти ҷонӣ овард. Кормандони Идораи сӯхторхомӯшкунии ноҳия ба ҷойи ҳодиса зуд ҳозир шуда, оташро хомӯш карданд. Мутаассифона, бар асари ин ҳодисаи нохуш ду нафар ба ҳалокат расид. Алҳол кормандони мақомоти қудратӣ сабабҳои дақиқи рух додани ҳодисаи мазкур ва маблағи зарарро муайян менамоянд.

## Чойхонаи нав дар Норак

**НОРАК. (Ҳ. МИРЗОЕВ)** Дар арафаи 15- умин солгарди Ваҳдати миллӣ дар мавзеи зебоманзари соҳили дарёи Вахш, шафати шоҳроҳи Душанбе- Кӯлоб чойхонаи миллӣ сохта ба истифода дода шуд. Чойхонаи мазкур, ки маҳсули дасти ҳунармандони вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳри Душанбе мебошад, бо усули шарқиёна оро ёфтааст. Чойхонаи нав дорои меҳмонхона низ буда, бо маблағи шахсии соҳибкори ватанӣ Амонулло Саъдуллоев сохта шуд. Дар рӯзи ифтитоҳи чойхона, бо ҳиммати ин ҷавони саховатманд хатнасури 50 нафар кӯдакони оилаҳои ниёзманд, ятиму бепарастор низ баргузор гардид. Узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзал дар маросими ифтитоҳи чойхонаи нав иштирок ва суханронӣ намуд.

## Коркарди ширинбия ба роҳ монда шуд

**ҚУБОДИЁН. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Корхонаи коркарди решаи ширинбия, ки дар ҳамкорӣ бо мутахассисони ҷопонӣ бунёд гардида буд, дар муддати ҳафт моҳи фаъолияташ 22,5 тонна маҳсулот истеҳсол кард. Аз ин миқдор 16 тоннаашро ба хориҷи кишвар содирот намуданд. Решаи дарахти ширинбия асосан дар соҳили дарёҳо мерӯяд ва барои бисёр бемориҳо, аз ҷумла ҷигар шифобахш аст.

Масъулони корхонаи мазкур ба ғайр аз ҷамъоварию коркард ҳамчунин ба кишту парвариши ширинбия машғуланд. Бо ин мақсад тухмии онро ҷамъ оварда, дар замини барояшон ҷудогардида парвариш менамоянд. Барои корхона дар ноҳияҳои Қубодиён ва Шаҳритус қитъаи муайян ҷудо гардидааст.

## Нафақаро бо корти пардохтӣ мегиранд

**ХУҶАНД. (Д. МЕРГАНОВ, «Садои мардум»)** Аз моҳи июни соли ҷорӣ нафақахӯрони шаҳри Хуҷанд, ки шумораи онҳо 14410 нафарро ташкил медиҳад, нафақаи худро тавассути кортҳои пардохтӣ хоҳанд гирифт. Бо ин мақсад, аз ҷониби БДАТ «Амонатбонк» банкомат ва терминалҳо дастрас ва дар ҷойҳои лозимӣ насб карда шудаанд. Дар назар аст, ки чунин тарзи пардохти нафақа дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва шаҳрҳои Истаравшану Қайроққум низ роҳандозӣ мегардад.

## Истеҳсоли маҳсулоти ғаллагӣ меафзояд

**КӮЛОБ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалияти соҳаи соҳибкорӣ махсус таъкид гардидааст. Дар шаҳру ноҳияи Кӯлоб ҷиҳати рушди соҳибкорӣ тадбирҳои мушаххас андешида мешавад. Чунончӣ, коргарони Корхонаи ҶСШК «Суғдиён» фаъолияти хешро ба таври намунавӣ ба роҳ монда, дар давоми чор моҳи соли равон як қатор пешравиҳои назарраси иқтисодиро шарафёб гардиданд. Онҳо дар ин давра 274 тонна орди навъи якум, 195 тонна орди навъи дуюм, 94 тонна сабӯс ва 135 тонна хӯроки омехтаи чорво истеҳсол намуданд. Маҷмӯи маҳсулоти истеҳсолкардаи корхона як миллиону 600 сомониро ташкил дод.

## Кишт анҷом ёфт

**МАСТЧОҲ. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Тибқи нақша, дар ноҳияи Мастчоҳ кишти сабзавоти барвақтӣ ба анҷом расид. Кишоварзон имсол дар майдони 1700 гектар кишти сабзавоти барвақтӣ, ба монанди пиёз, помидор, бодиринг, сабзӣ ва картошкаро хушсифат анҷом доданд. Қобили зикр аст, ки бори аввал дар ноҳия дар майдони 20 гектар навъи картошкаи хушсифату серҳосили ҷануби кишвар кишт карда шуд.

## Беҳтаринҳо ғолиб шуданд

**РӮДАКӢ. (М. БОБОКАЛОНОВ, «Садои мардум»)** Аз 2 то 5-уми майи соли ҷорӣ дар мактаб- парваришгоҳи ноҳияи Рӯдакӣ аз рӯйи тамоюли забонҳои хориҷӣ ва ҷамъиятӣ озмуни ҷумҳуриявӣ доир гардид. Дар озмун беш аз 400 нафар шогирдон аз тамоми мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии манотиқи ҷумҳурӣ, литсей, гимназияҳои хусусӣ ва давлатӣ иштирок доштанд. Дар ифтитоҳ ва ҷамъбасти озмун вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. Саидов баромад карда, барои шогирдон муваффақият хост. Ғолибон бо тӯҳфаҳои хотиравии кумитаи тадорукот сарфароз гардонида шуданд. Хонандагоне, ки дар озмуни ҷумҳуриявӣ ҷойи аввалро ишғол намудаанд, бе имтиҳони давлатӣ ба мактабҳои олӣ қабул карда мешаванд. Он нафароне, ки ҷойи дуввум ва сеюм насибашон гардидааст, метавонанд тариқи сӯҳбат ва ё як имтиҳон аз фанни тахассусӣ ба мактабҳои олӣ дохил шаванд. Омӯзгороне, ки шогирдони онҳо дар озмун ҷойи якум ва дуюмро ишғол намудаанд, бо нишони Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида мешаванд.

## Ҷавонписарон ба хизмат мераванд

**КОНИБОДОМ. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар шаҳри Конибодом маросими гусели ҷавонписарон бо иштироки беш аз ду ҳазор сокинони шаҳр, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, собиқадорони ҷангу меҳнат, сарбозони қисмҳои низомӣ доир гардид. Бино ба гуфти комиссари ҳарбии шаҳр Рустам Исроилов, дар даъвати тирамоҳӣ 188 нафар ба хизмати ҳарбӣ фиристода шуда буданд. Дар даъвати баҳорӣ бошад, 227 нафар зодагони Конибодом ба хизмати Ватан -Модар сафарбар мешаванд. Ҳамчунин вай афзуд, ки ба наздикӣ боз 30 нафар ҷавонон пас аз хатми курсҳои ронандагӣ ба хизмати ҳарбӣ даъват мешаванд. Айни замон дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ҳудуди як ҳазор нафар ҷавонони конибодомӣ адои хизмат мекунанд.

## Студияи таълимии нав насб мегардад

**ДУШАНБЕ. (Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум»)** Ҳар сол ҳафтуми май ҳамчун Рӯзи радио ва кормандони соҳаи алоқа таҷлил мегардад. Ёдовар мешавем, ки ҳафтуми майи соли 1895 олим, физики рус Александр Попов радиоприёмники аввалинро ихтироъ карда буд.

Тавре мудири студияи таълимии телевизион ва радиои факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зафари Аскар иттилоъ дод, тибқи супориши Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, дар факултети мазкур студияи нави таълимии радио таъсис дода мешавад. Барои ин, беш аз 20 ҳазор доллари амрикоӣ ҷудо карда шуда, технологияи нави муосир харидорӣ гардид.

***Масъули гӯша Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА, «Садои мардум».***
***Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

● Навгонӣ

# ТАЪСИСИ СОМОНА ФАЪОЛИЯТРО РИВОҶ МЕБАХШАД

Ҳамрадиф бо соҳибистиқлолии мамлакат раванди хусусигардонӣ низ ба сифати яке аз ҷузъҳои асосии ислоҳоти иқтисодӣ ва падидаи нави ҷомеа хеле вусъат ёфт.

Бо мақсади мукаммал гардидани заминаи ҳуқуқии ин бахш ҳанӯз соли 1997 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул ва ба дигар қонунҳои соҳавию санадҳои марбута тағйиру иловаҳо ворид гардиданд. Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдори давлатӣ оид ба баргузории музоядаҳо роҷеъ ба фурӯши амволи давлатӣ ва саҳмияҳои ба давлат тааллуқдоштаи ҷамъиятҳои саҳомӣ мебошад. Давоми солҳои охир дар фаъолияти ин сохтор навгониҳои назаррас, ки ҳадафи ниҳоиаш беҳтар намудани фаъолият маҳсуб мееёбад, рӯйи кор меояд. Далели возеҳи ин ба наздикӣ фаъол гардидани сомонаи муассисаи мазкур дар шабакаи ҷаҳонии Интернет мебошад. Чорабиниеро, ки бо мақсади муаррифии сомона доир гардид, бо суханони ифтитоҳӣ директори генералии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатмурод Қурбонов ҳусни оғоз бахшида, ҳадафи асосии иқдоми мазкурро ривоҷ бахшидани раванди фаъолият, таъмини бештари шаффофият ва ҷавобгӯйи талаботи байналмилалӣ роҳандозӣ намудани музоядаҳо арзёбӣ намуд. Аз идомаи суханронии Давлатмурод Наҳтуллоевич маълум гардид, ки сомона дар ҳамкорӣ бо мутахассисони ширкати «Вавилон-Т» омода гашта, аз лиҳози талаботи техникиву иттилоотӣ аз беҳтаринҳо маҳсуб мееёбад.

Хонандагони сомона метавонанд аз он дар бораи замони баргузории музоядаҳо, амволи ба фурӯш гузошташуда, қонунгузории соҳа ва ғайра маълумот пайдо намоянд. Ҳамчунин дар сомона бойгонии корхона ва маълумот оиди қурби асъори миллӣ низ ҷойгир шудааст. Маводи сомона ҳамарӯза таҷдид мегардад ва ин омил имкон фароҳам меорад, ки ашхоси ҳавасманд тавассути он аз замони баргузории музоядаҳо ва амволи ба фурӯш ё иҷора пешниҳодшуда маълумоти кофӣ дастрас карда тавонанд.

Муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Анвар Наҷмуддинов рӯйдоди мазкурро далели возеҳи тамоюли пешравӣ касб намудани фаъолияти соҳа маънидод кард. Мавсуф аз он изҳори қаноатмандӣ намуд, ки чанде пеш тамоми бойгонии корхона ба шакли электронӣ баргардонида шуд, ки ин ба ривоҷи фаъолият ҳам мусоидат карда, далели ҳамқадами замон будани муассиса мебошад.

Сомонаи мазкурро дар шабакаи умумиҷаҳонии Интернет бо нишонии www. muzoyada -kvd tj дарёфт кардан мумкин аст.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***

# «ГУРГ»-И МИНАҶӮЙ

Дар Тоҷикистон се усули тафтиш ва поксозии майдонҳои хатарнок истифода мешавад: поксозии механикӣ, дастӣ - бо истифодаи детекторҳо ва сагҳои минаҷӯй. Амалиёти поксозии механикии минаҳо яке аз усулҳои паҳнгардида дар ҷаҳон мебошад ва он суръати амалиётро хеле метезонад ва пурра бехатарии минаҷӯёнро таъмин менамояд. Дар Тоҷикистон мошинҳои сабуки (хурди) минаҷӯйии тамғаи MV-4 ва «Майн Вулф» (гурги минахор) истифода мешаванд. Вазни мошини минаҷӯйӣ то 5 тонна буда, бо тасмачарх ҳаракат мекунад. Мошинҳои мазкур барои коркарди майдоне, ки минаҳои зиддипиёдагард ва минаҳои то 0,5 кг моддаи тарканда доранд, истифода мешаванд. Ин мошинҳо ронандаи бевосита надоранд ва онро масофавӣ оператор идора мекунад.

Ин воситаи механикӣ танҳо дар минтақаҳои нисбатан ҳамвор барои дарёфт ва таркондани минаҳо истифода мешаванд. Дар аксарияти ҳолатҳо онҳо кафолати пурра дода наметавонанд, ки майдон аз хатар озод аст. Пас аз кори онҳо майдони минадор дубора ба воситаи дигар усулҳо (дастӣ ва ё сагҳои минаҷӯй) санҷида мешавад. Солҳои охир кӯшишҳо дар соҳаи технология, аз ҷумла дар системаҳои муайянкунӣ ва амалиётҳои механикӣ барои нобудсозии минаҳо ба харҷ дода шуд, вале дар бештари ҳолатҳо поксозии дастии минаҳо усули афзалиятнок ба ҳисоб меравад, чунки вай камхарҷ ва бештар боваринок аст.

Мошинҳои минаҷӯй, ки таври механикӣ майдони минадорро



таҳқиқ мекунанд, алафу буттаҳоро даравида (реза ё майда карда), минаҳоро дар чуқурии то 20 см дар муддати кӯтоҳ нобуд месозанд (мешикананд ва ё ба оҳанпораи корношоям табдил медиҳанд).

Дар айни ҳол мошини «Майн Вулф», ки истеҳсоли Олмон мебошад, аз ҷониби гурӯҳи поксозии башардӯстонаи минаҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ду адад мошинҳои намуди MV-4 аз ҷониби Фонди Швейтсарӣ оид ба безараргардонии минаҳо идора мешаванд.

Амалиёти поксозии механикии минаҳо асосан дар сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон - дар ноҳияҳои Панҷ ва Шаҳритус ба роҳ монда, аз ҷониби Маркази Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо назорат ва ҳамоҳангсозӣ мешавад.

**ДАР СУРАТ: мошини минаҷӯйи «Майн Вулф»**

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

## «СОМОН КӮЛОБ ТАҶҲИЗОТ» ТРАКТОР МЕБАРОРАД

Тибқи супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Корхонаи ҷамъу васли тракторҳои МТЗ-и Ҷумҳурии Белорус дар кишвари мо низ бояд чунин корхона ташкил карда шавад.

Ин корхона дар куҷо ба фаъолият шурӯъ мекунад? Зимни посух ба ин суоли хабарнигорамон Сардори шӯъбаи мошинсозӣ, электронӣ ва электротехникии Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф.Раҳмонов гуфт:

-Барои амалӣ намудани супориши Сарвари давлат аз ҷониби Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ андешида шуда, якчанд корхона дар минтақаи ҷануби кишвар пешниҳод гардид. Бо назардошти мавқеи ҷойгиршавӣ, мавҷудияти базаи техникию кадрӣ, биноҳо ва иншооти истеҳсолӣ аз ҷониби мутахассисони корхонаи МТЗ-и Ҷумҳурии Белорус ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Сомон Кӯлоб таҷҳизот»-и шаҳри Кӯлоб бартарӣ дода шуда, тарафҳо барои оғоз намудани ҷамъу васли тракторҳо то охири соли 2012 ба мувофиқа расиданд.

Барои амалӣ намудани лоиҳаи мазкур дар марҳилаи аввал барои таъмир ва омодасозии коргоҳҳои Корхонаи ҷамъу васли тракторҳо 415 ҳазор доллари ИМА ва дар марҳилаи дуввум бо назардошти харидории хати технологӣ, дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ ва васлу насби онҳо, омӯзиши мутахассисони маҳаллӣ 470 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ гардидааст.

***Б.КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

● Омӯзгори деҳот

# ПАНДИ ПАДАР РОҲНАМОЯШ БУД

Омӯзгорӣ аз душвортарин ва пурмасъулияттарин касбҳо дар ҳама давру замонҳост. Ҳар касе ин касбро интихоб мекунад, бояд аз иродаи оҳанине бархӯрдор бошад, то битвонад дар ҳама нишебу фарозе, ки ин рисолати пурифтихор барояш пеш меорад, истодагарию тавоноӣ нишон диҳад. Яке аз хусусиятҳои омӯзгори асил дӯст доштани касбаш аст. Модоме ӯ муҳаббат ба касбу шогирдонаш



дошта бошад, бешубҳа, нисбати ояндаи ҷамъият ва шукуфоиву пешрафти кишвараш бетафовут нест.

Мирзоаҳмад Сангинов, муаллими фанни риёзӣ, ки кори неку номи некаш вирди забони ҳамкорону шогирдон аст, бешубҳа, аз зумраи чунин афрод ба шумор меравад. Вай дар оилаи омӯзгор ба воя расидааст ва меҳру муҳаббати ин касби пурифтихор ҳанӯз аз овони кӯдакӣ дар дили ӯ ҷой гирифта буд. Падари бузургвораш Муллосангин Зарифов омӯзгори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 11 ноҳияи Мастчоҳ буд ва Мирзоаҳмад қарор дод, ки касби падариро пешаи худ кунад. Соли 1973 баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳояшро ба факултети механикаю метематикаи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) супурд ва сазовори номи баланди донишҷӯй гардид. Давраи донишҷӯйӣ, бешубҳа, аз ширинтарин айёми зиндагии ҳар донишҷӯй ба шумор меравад ва ӯ низ ин давраи ҳаёташро ба некӣ ёд мекунад. Мирзоаҳмад ҳамеша насиҳати падарро, ки пеш аз ба пойтахт сафар карданаш ба ӯ карда буд, дар хотир дошт:

-Писарам, фаромӯш накун, рӯдбори зиндагӣ ҳамсони дарё равон аст, пас намегардад. Шахсе бурд мекунад, ки дар зиндагӣ мақсаду мароми амиқу аниқ дорад ва пайи амалӣ намудани он мекӯшад.

Университети давлатии Тоҷикистон он солҳо нерумандтарин тадрисгоҳи илмӣ дар кишвар ба ҳисоб мерафт. Таҳсил дар ин мактаби олӣ мояи ифтихори ҳар нафар буд ва масъулияти азиме низ бар дӯши ҳар донишҷӯйӣ бор мекард. Беҳтарин олимони кишвар дар ин даргоҳи илм ба донишҷӯён сабақ меомӯхтанд. Мирзоаҳмад солҳои донишҷӯйӣ аз олимони маъруфи тоҷик М.Осимӣ, М.Илолов, Б.Алиев сабақ омӯхтааст ва минбаъд дониши андӯхтаашро ба шогирдон ёд додааст. Давраи зебою нотакрори донишҷӯйӣ низ зуду ноаён паси сар шуд. Вай соли 1978, баъди хатми донишгоҳ, ба деҳааш баргашт ва фаъолияти меҳнатиашро ба ҳайси омӯзгори фанни риёзӣ дар мактаби деҳа оғоз кард. Ҷустуҷӯйи бардавом, шуғли дӯстдошта ва омӯхтани таҷрибаи устодони маъруфи риёзидон назару ҷаҳонбинии ӯро вусъат бахшид. Кӯшиш мекард шогирдон дар дарсҳо фаъол бошанд. Дар дили онҳо шавқи омӯзишро ба риёзиёт, ки шоҳи фанҳост, бедор намуд. Ин қобилияту кордонии муаллими ҷавону серғайрат аз назари роҳбарияти мактаб пинҳон намонд ва баъди муддате Мирзоаҳмад Сангиновро ҷонишини директор оид ба қисми таълимӣ таъин карданд. Ин марди наҷиб ва омӯзгори пухтакор то кунун дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 11 ноҳияи Мастчоҳ ҳамин вазифаи масъулиятнокро ба дӯш дорад. Тӯли фаъолияти меҳнатиаш ӯ шогирдони зиёдеро ба воя расонид ва имрӯз аз он ифтихор мекунад, ки шогирдонаш дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишварамон фаъолият мекунанд. Чанд тан аз шогирдони ин омӯзгори пуртаҷриба машғули корҳои илмианд. Камол Қозиев ва Боймирзо Боймирзоев аз ҷумлаи онҳоанд, ки яке дар риштаи физика ва дуюмӣ дар риштаи иқтисод рисолаҳои номзадиро бомуваффақият ҳимоя карданд. Хизматҳои шоёни ин омӯзгори пуртаҷрибаро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2001 бо нишони Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қадр кард. Мирзоаҳмад Сангинов пайваста меомӯзад. Ӯ мақолаҳои зиёди методӣ таълиф кардааст, ки мавриди истифодаи шогирдон ва муаллимон гаштаанд. Дар хусуси комёбиҳои ин омӯзгори болаёқат ҳампешаҳо ва сарварони маҳфилҳои фанни риёзӣ сидқан сухан мегӯянд. Сарвари мактаб - собиқадори маориф Маҳмадризо Шарифов дар бораи фаъолияти Мирзоаҳмад Сангинов чунин мегӯяд:

-Туфайли чунин омӯзгорони ҷӯянда ва тозакору адабдӯст дарсҳои риёзӣ, алгебра ва геометрия дар сатҳи хеле баланд мегузаранд. Шогирдони мактаби мо дар олимпиадаҳои ноҳиявӣ ва вилоятиву ҷумҳуриявӣ ҷойҳои намоёнро ишғол намудаанд, ки ин дастовардҳо натиҷаи заҳмати муаллимони дилсӯзу ғамхор, мисли Мирзоаҳмад Сангинов, мебошанд.

Бале, баландии мартабаи омӯзгор баёнгари мартабаи бузургест, ки равандагони ин роҳ ба дӯш доранд. Устодони варзидаю собиқадор раҳкушою раҳнамои шогирдон ба паҳнои маърифатанд. Шогирди хирадманд, созандаю бунёдкор ба воя мерасад ва дар рушди ҷомеа ҳиссагузор хоҳад буд. Пас, барои ин устодон, ки ворисони фардои ҷомеаро тарбия менамоянд, тавфиқу барор ва комёбӣ хоҳонем.

***Карим ОЛИМОВ,***
***сармутахассиси калони шӯъбаи тарбияи Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон***

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1357/1-603 | Маркази миллии тиббӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Маводи хӯрока | номгӯй | 19 | 21.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1358/1-604 | Донишкадаи молияи Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгӯй | 3 | 29.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1359/1-605 | Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Варақаи шаҳодатнома<br>Плёнкаи ламинатсионӣ | адад<br>адад | 70000<br>70000 | 21.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1360/2-422 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1, шаҳри Ваҳдат | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 59 | 21.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1361/2-423 | Мактаб- интернати низомаш махсуси ҷумҳуриявии ноҳияи Ҳисор | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 19 | 21.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1362/2-424 | Мактаб- интернати низомаш махсуси ҷумҳуриявии ноҳияи Ҳисор | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 26 | 29.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1363/2-425 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №98, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгӯй | 25 | 29.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1370/2-426 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 5 | 21.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1364/3-299 | Мактаб –интернати ҷумҳуриявии барои кӯдакони ятиму бепарастор ва кӯдакон аз оилаҳои камбизоати ноҳияи Ёвон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири асосии мактаб-интернат | тибқи санади нуқсонӣ | | 29.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1365/3-300 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №16, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.05.2012 соати $10^{30}$ |
| 1366/3-301 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №20, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.05.2012 соати $9^{00}$ |
| 1367/3-302 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №42, ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири мактаб | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.05.2012 соати $9^{30}$ |
| 1368/3-303 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Тайёр кардан ва васл намудани соябон бо нимкатҳояш | тибқи санади нуқсонӣ | | 29.05.2012 соати $10^{00}$ |
| 1369/3-304 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҳоҷатхонаҳои дохилии кӯдакистони №80 | тибқи санади нуқсонӣ | | 21.05.2012 соати $10^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

# Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Музоядаи №10-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул 8 июни соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Гастрономи ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 2 | 30 000 |
| 2 | Нонпазхонаи ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 2 | 30 000 |
| 3 | Мағозаи молҳои арзоншудаи ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 2 | 15 000 |
| 4 | Анборхонаи ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 2 | 15 000 |
| 5 | Мағозаи китоб дар хонаи №9, ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 1 | 15 000 |
| 6 | Мағоза бо таҳхона дар хонаи №11, ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 1 | 30 000 |
| 7 | Анбори сехи нонпазии ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 1 | 15 000 |
| 8 | Кинотеатри тобистонаи ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 1 | 50 000 |
| 9 | Мағозаи нони ҶСК «Анзобский ГОК» | ноҳияи Айнӣ, маҳаллаи Зарафшон 1 | 30 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 ва ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 4-52-91, 917-56-64-81.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74 , ш.Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 4-52-91, 917-56-64-81,** сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW. muzoyada-kvd tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI. TJ** гирифтан мумкин аст.

# Государственное унитарное предприятие по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

## 8 июня 2012 года проводит аукцион №10 по продаже недвижимости

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Гастроном ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, жилой массив Зарафшон 2 | 30 000 |
| 2 | Лепешечная ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, жилой массив Зарафшон 2 | 30 000 |
| 3 | Комиссионный магазин ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, жилой массив Зарафшон 2 | 15 000 |
| 4 | Склад ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, жилой массив Зарафшон 2 | 15 000 |
| 5 | Книжный магазин в доме №9, ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, жилой массив Зарафшон 1 | 15 000 |
| 6 | Магазин с подвалом в доме №11, ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, жилой массив Зарафшон 1 | 30 000 |
| 7 | Склад лепешечного цеха ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, жилой массив Зарафшон 1 | 15 000 |
| 8 | Летный кинотеатр ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, жилой массив Зарафшон 1 | 50 000 |
| 9 | Магазин хлебопродуктов ОАО «Анзобский ГОК» | Айнинский район, жилой массив Зарафшон 1 | 30 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Метод проведения: **английский**. Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 и г.Худжанд, ул.Ленина 47/1, тел: 4-52-91, 917-56-64-81.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г.Худжанд, ул.Ленина 47/1, тел: 4-52-91, 917-56-64-81**, на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW. muzoyada-kvd tj**, а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. **WWW.GKI. TJ**

# ДАЪВАТ БА ОЗМУН

Воҳиди хариди Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе баҳри иҷрои Қарори Раиси шаҳри Душанбе таҳти №241 аз 3 майи соли 2012 «Дар бораи баргузории тендер» ҷиҳати интихоби пудратчии иншооти:

«Ободонии оромгоҳи 28 нафар хизматчиёни ҳарбие, ки дар ноҳияи Тавилдара баҳри барқарор намудани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1996 ҳалок гардидаанд»

**ТАРИҚИ ИШТИРОКИ НОМАҲДУД ТЕНДЕР ЭЪЛОН МЕНАМОЯД**

**Дар тендер шахсони ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷии тахассуси сохтмонидошта иштирок карда метавонанд**

**Довталабон бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:**

1. Дархост ҷиҳати иштирок дар тендер (то 25 майи соли 2012);
2. Пешниҳоди тендерӣ;
3. Ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда (низомнома ё оиннома);
4. Иҷозатнома (литсензия) барои иҷрои корҳои сохтмонӣ;
5. Гувоҳномаи Нозироти андоз ва гувоҳномаи Фонди ҳифзи иҷтимоӣ;
6. Маълумотнома оид ба ҳаҷми корҳои иҷрошудаи сохтмонӣ дар 2-3 соли охир;
7. Маълумотнома оид ба базаи моддӣ-техникии корхона;
8. Таъминоти пешниҳоди тендерӣ дар ҳаҷми 1 фоиз аз арзиши умумии пешниҳоди тендерӣ (кафолати бонкӣ);
9. Харҷномаи иншоот тибқи тартиби муайянгардида;
10. Пардохти бебозгашти ҳаққи иштирок дар тендер.

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ ва дастрас намудани ҳуҷҷатҳои тендерӣ довталабон метавонанд ба Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири асосию ҷории роҳҳою кӯпрукҳои ҳудуди марзию маъмурии шаҳри Душанбе»-и Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе», бо суроғаи: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 48«а», бо телефонҳои: 221-02-32, 221-06-16, 221-03-80 муроҷиат намоянд.

**Рӯзи гузаронидани тендер - 29 майи соли 2012 соати $16^{00}$.**

**Макони баргузории тендер - толори маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 48.**

***ЭЗОҲ:*** **мӯҳлати ниҳоии қабули пешниҳодоти тендерӣ то соати $16^{00}$, 28 майи соли 2012.**

# ПРИГЛАШЕНИЕ К УЧАСТИЮ В ТОРГАХ

**Название Проекта: Дополнительное финансирование для Проекта развития муниципальной инфраструктуры (ДФ ПРМИ)**
**Дата: 8.05.2012**
**Идентификационный номер Контракта: ДФПРМИ 015**

## Источник финансирования: МАР

1. Дополнительное финансирование для Проекта развития муниципальной инфраструктуры приглашает правомочных участников торгов представить свои запечатанные конкурсные предложения на поставку дизельного топлива.

2. Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить более подробную информацию и ознакомится с документацией для торгов в офисе: ул. Н. Карабаева 56, Центр управления проектом, 4 этаж, г. Душанбе, Республика Таджикистан. Телефоны: 233-13-30, 233-14-98. Факс. (992) 233- 13-30; 233-88-25; адрес электронной почты: office@midp.tj

3. Заинтересованные участники торгов могут приобрести полный комплект документации для торгов после направления письменной заявки по указанному выше адресу и оплаты не возмещаемого сбора в сумме 300 сомони.

4.Все конкурсные предложения должны сопровождаться залоговым обеспечением на сумму 36 000 сомони и должны быть доставлены по нижеуказанному адресу до $14^{00}$ (местное время) 17 мая 2012 года. Опоздавшие конкурсные предложения отклоняются и возвращаются невскрытыми участникам торгов.

5.Вскрытие конвертов с конкурсными предложениями состоится в присутствии представителей участников торгов, которые пожелают присутствовать в $14^{00}$ 17 мая 2012 года в офисе Государственного комитета по инвестициям и управлению государственном имуществом Республики Таджикистан по адресу: ул. Шотемур 27, 2 этаж, кабинет 22, г. Душанбе, Республика Таджикистан.

# Запрос выражения интереса

Государственное учреждение по гидрометеорологии Республики Таджикистан получило финансирование от Всемирного Банка для Проекта модернизации гидрометеорологического обслуживания в Центральной Азии и намеревается использовать часть средств на услуги **специалиста/консультанта по закупкам** в Группу управления проектом/Подразделение координации проекта.

Государственное учреждение по гидрометеорологии Республики Таджикистан приглашает кандидатов, соответствующих квалификационным требованиям, предоставить резюме и письмо с выражением интереса в участии в конкурсе на оказание вышеуказанных услуг.

**Квалификационные требования:**

- Высшее образование, т.е. степень магистра в области бизнеса, права, финансов, инженерии (технических наук) или эквивалентная степень;
- Хорошие знания и практический опыт в области правил и процедур по закупкам Всемирного Банка/других международных организаций развития, также опыт работы в области государственных закупок согласно соответствующего законодательствам Республики Казахстан, Кыргызстан, Таджикистан приветствуется;
- Как минимум, один год опыта работы в области международных конкурсных закупок и опыт в планировании закупок и подготовке конкурсных документов;
- Высокая степень честности и ответственности во всех аспектах закупок;
- Свободное владение английским и русским языками.

Консультанты будут отобраны в соответствии с процедурами, указанными в *Руководстве Всемирного Банка «Отбор и найм консультантов заемщиками Всемирного Банка»* (издание от мая 2004 года, дополненное и переработанное в октябре 2006 года и мае 2010 года).

Заинтересованные консультанты могут получить дополнительную информацию по адресу указанному внизу в рабочие часы (с $8^{00}$ до $17^{00}$).

Выражения интереса и резюме должны быть доставлены по нижеследующему адресу до 16 мая 2012 года.

Государственное учреждение по гидрометеорологии Республики Таджикистан Вниманию: Абдуалимов Каримджон Кудусович, заместителя директора

735450, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Шевченко 47
**Тел: +992372214124**
**Fax: +992372215522**
**E-mail: abdualimov@mail.ru**
**Web site: www.meteo.tj**

## Барҳам мехӯрад

- ХД «Одина-2006», воқеъ дар колхози Ленинизм (ҳозира Ҳайдар Миров) деҳаи Навободи ноҳияи Ҳисор фаъолияташро қатъ менамояд.
Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.
- Шаҳрванд Шоев Бобо Калонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0000628 бо РЯМ 0930000693 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 11 августи соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.
- ҶДММ «Кӯҳдоман», дорои РМА 240003821, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Фирдавсӣ, бинои 85, барҳам мехӯрад.
Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.
- Иттифоқи тоҷирони Покистон дар Тоҷикистон, воқеъ дар хиёбони Ҷ.Расулов 71/7, фаъолияташро қатъ менамояд.
Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

- Маълумотнома (ба ҷойи диплом)-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур (собиқ Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон) 17 июни соли 1998 бо қайди 2042 ба Шарипов Тоҷиддин Абдуманонович додааст, эътибор надорад.
- Дафтарчаи имтиҳонии гумшудаи №24010200 (т), ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2010 ба Муминова Фаросат Баҳриевна додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатномаи хатми синфи нӯҳуми гумшудаи силсилаи Т-ШТА №0684450, ки онро МТМУ №92-и ноҳияи Синои ш.Душанбе соли 2011 ба Одинаева Шаҳноза Ғолибҷонова додааст, эътибор надорад.
- Ҳисобнома-фактура аз рӯйи ААИ ва аксизҳои силсилаи ВВ №№ аз 168021 то 168032 ва силсилаи ВВ №168036-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Мӯъминобод соли 2011 ба ҶДММ «Кӯҳдоман» додааст, эътибор надорад.
- Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Кофарниҳон (ҳозира шаҳри Ваҳдат) 18 феврали соли 2000 таҳти феҳрасти № 1ДС-36 бо суроғаи кӯчаи Салимзода, хонаи 5, ҳуҷраи 12 ба Сатторов Изатулло Кароматович додааст, эътибор надорад.
- Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0048417-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Кӯлоб 20 апрели соли 2010 ба Ашуров Шодӣ Мирзохонович додааст, эътибор надорад.
- Билети донишҷӯйии гумшудаи №ГО 8154, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур соли 2008 ба Ваҷиддини Акрам додааст, эътибор надорад.
- Шиносномаи техникии № 4793-и гумшуда, ки онро КФБТ-и шаҳри Турсунзода 19 сентябри соли 1992 бо суроғаи шаҳри Турсунзода, микроноҳияи 1, бинои 15, ҳуҷраи 56 ба Шарипова Зебо Раҳмоновна додааст, эътибор надорад.
- Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода 27 апрели соли 2001 таҳти феҳристи №5085 бо суроғаи ш. Турсунзода, микроноҳияи 1, бинои 15, ҳуҷраи 56 ба Шарипова Зебо Раҳмоновна додааст, эътибор надорад.
- Билети донишҷӯйии № ГО 8175-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур соли 2008 ба Меҳрубони Ҳабибулло додааст, эътибор надорад.
- Дафтарчаи имтиҳонии №570/07-и гумшуда, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат соли 2007, ба Шералӣ Наҷотов додааст, эътибор надорад.
- Билети донишҷӯйии №279/4-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ соли 2011 ба Юсупов Зариф Зафарович додааст, эътибор надорад.
- Билети донишҷӯйии №1122/11-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ соли 2011 ба Раҳимов Фирӯз Абдувалиевич додааст, эътибор надорад.

Роҳбарият ва кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даргузашти муовини мудири шӯъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**НАИМ КАРИМОВ**

андӯҳгин буда, ба аҳли оила ва пайвандони марҳум изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Кумитаи марказии Иттифоқи касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раиси МСП «Оби шифо» Муродова Зарагул Муҳсиддиновна бинобар вафоти

**ҲАМШИРААШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Кумитаи марказии Иттифоқи касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мудири шӯъбаи умумӣ Маҳмудов Аҳрор Асрорович бинобар даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ менамоянд.

Кумитаи марказии Иттифоқи касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корманди собиқи ҳамин кумита Муҳиддинова Зулфия Ашуровна бинобар вафоти

**МОДАРАШ**

ҳамдардӣ баён намуда, ба наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 8 майи соли 2012, соати 17.40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26646 нусха

Навбатдори шумора Н. Солеҳов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова